**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**

**Ректори Донишгоҳи давлатии**

**омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,**

**доктори илмҳои таърих, профессор**

**_____Ибодуллозода А. И.**

**«_____» _____ 2026**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Иброҳимзода Зафар Иброҳим дар мавзуи «Тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон (солҳои 1991- 2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.1. Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Мувофиқи суратмаҷлиси № 2-и ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-082 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 23.10.2026 с. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба диссертатсияи унвонҷӯ Иброҳимзода Зафар Иброҳим муассисаи пешбар таъин гардида буд.

Диссертатсияи Иброҳимзода Зафар Иброҳим дар доираи нақшаи панҷсолаи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омода гардида, ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ № 3, аз 14 ноябри соли 2026 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: номзадони илмҳои таърих, дотсентон Ғ. Гадоев, Ғ. Роҳатов, М. Шарипов, С. П. Сайнаков, М. Ганҷакова, С. Ғуломшоев, Р. Давлатшоев, С. Зубайдуллозода, Ф. Исломзода ва унвонҷӯёну докторантон (PhD)-и кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси таърихи ватанӣ, и.в. дотсент Давлатшоев Раҳматшоҳ омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Иброҳимзода Зафар Иброҳим дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалӣ таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти илмӣ, навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба талаботи шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.1. -Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.1.- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ.** Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи ниҳоят мураккаби сиёсӣ - иҷтимоӣ рост омад. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ (1992 - 1997) ба тамоми сохторҳои давлатдорӣ, аз ҷумла низоми маориф зарбаи сахт ворид намуд. Дар вилояти Хатлон ҳамчун минтақаи аз ҷанг бештар осебдида вазъи соҳаи маориф ниҳоят вазнин гардид, қисми зиёди биноҳои таълимӣ харобу валангор, мураббиёну омӯзгорони варзида маҷбур ба тарк намудани ҷойи зист, муҳоҷирати оммавии мутахассисон ба хориҷи кишвар ва коҳиши шадиди нуфузи касби омӯзгорӣ ба мушоҳида расид. Аз ин лиҳоз, омӯзиши раванди эҳё, барқарорсозӣ ва таҳкими кадрҳои омӯзгорӣ дар Хатлон дорои аҳаммияти калони илмӣ, назариявӣ ва амалӣ буда, мубрамии интихоби мавзӯъро асоснок менамояд.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Иброҳимзода Зафар Иброҳим як кори илмии муҳим ва саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои

мубрами илми таърихи ватанӣ бахшида шудааст. Хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот асос ёфтаанд. Қисмати пешниҳодҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ хулосаҳои амалӣ баровардааст. Пешниҳодҳои овардашуда аҳаммияти имлӣ дорад.

**Саҳеҳии натиҷаҳо** ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки дастовардҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи барномаҳои соҳаи маориф ва такмили он кӯмак расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмуӣ роҷеъ ба таърихи маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1991- 2021), инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус васеъ истифода кард. Аҳаммияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навоварии илмии таҳқиқоти Иброҳимзода Зафар Иброҳимро метавон дар як қатор самтҳо муайян намуд: дар диссертатсия таърихи тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 1991 - 2021 ҳамчун мавзуи мустақили таҳқиқоти таърихӣ мавриди омӯзиши комплексӣ қарор гирифтааст; муаллиф кӯшиш намудааст, ки раванди тайёр намудани кадрҳои омӯзгориро дар робита бо тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон таҳлил намояд; дар таҳқиқот марҳилаҳои асосии рушди низоми омодасозии омӯзгорон муайян гардида, хусусиятҳои ҳар як марҳила мавриди таҳлил қарор гирифтаанд; нақши муассисаҳои

таҳсилоти касбӣ дар таъмини вилояти Хатлон бо кадрҳои омӯзгорӣ нишон дода шудааст; масъалаҳои асосии марбут ба сифати тайёр намудани омӯзгорон, такмили ихтисос, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо мутахассисони ҷавон ва мушкилоти соҳа мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, се боб, хулоса, номгӯи сарчашмаву адабиёти истифодашуда ва замима иборат мебошад.

**Дар муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуъ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқ, доираи хронологии он муайян карда шудаанд. Ҳамчунин асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, манбаъҳои истифодашуда, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳо ва нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян гардидаанд.

**Дар боби якум** амалисозии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди соҳаи маориф дар вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки раванди ташаккули низоми мазкур бо рушди умумии соҳаи маорифи Тоҷикистон ва тағйироти иҷтимоию сиёсии кишвар робитаи бевосита дорад.

Таваҷҷуҳи муаллиф ба таҳлили вазъи амалисозии сиёсати рушди соҳаи маориф дар кишвар дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ қобили зикр мебошад. Дар ин давра низоми мавҷудаи таълимӣ ба шароити нави сиёсиву иҷтимоӣ мутобиқ карда мешуд. Ҳамзамон, зарурати таҳияи барномаҳои нави таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва таълимӣ, омода намудани мутахассисони ҷавон ва таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо омӯзгорони соҳибтахассус ба миён омад.

**Боби дуюм** ба нақши муассисаҳои таълимии олии вилоят дар тайёркунии кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон бахшида шудааст.

Муаллиф фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро дар самти омода намудани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ таҳлил намуда, тағйироти миқдорӣ ва сифатии ин муассисаҳоро дар давраи таҳқиқшаванда нишон медиҳад.

Дар ин қисмати диссертатсия нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ дар таъмини муассисаҳои таълимии вилоят бо омӯзгорони соҳибтахассус баррасӣ шудааст. Масъалаҳои интихоби ихтисосҳо, қабули донишҷӯён, тайёр намудани мутахассисони ҷавон, гузаштани таҷрибаомӯзии педагогӣ ва ба фаъолияти касбӣ ҷалб намудани хатмкунандагон мавриди таваҷҷуҳи муаллиф қарор гирифтаанд.

**Боби сеюм** ба масъалаҳои такмили низоми тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар коллеҷҳои вилоят ва вазъи бозомӯзии кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон бахшида шудааст. Дар он масъалаҳои баланд бардоштани сифати таҳсил, такмили ихтисоси омӯзгорон, истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ, рушди заминаи моддию техникии муассисаҳо ва татбиқи сиёсати давлатии кадрӣ таҳлил шудаанд.

Яке аз ҷанбаҳои мусбати таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф тайёр намудани кадрҳои омӯзгориро танҳо ҳамчун раванди таълимӣ не, балки ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоии давлат ва рушди ҷомеа баррасӣ менамояд.

**Дар хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳои асосӣ ва пешниҳоди муаллиф баҳри дар оянда таҳқиқ намудани масъалаи мазкур оварда шудаанд.

**Саҳми илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ ва арзёбии аҳамияти он** аз он иборат аст, ки унвончӯй дар асоси маъхазҳо, таҳқиқи саҳроӣ ва адабиёти илмӣ масъалаи мазкурро таҳқиқ кардааст. Дар ҳамин асос сарчашмаҳои заруриро таҳлил намуда, хулосаҳои шахсиро баён кардааст ва аз ин натиҷаҳои дилхоҳ бароварда шудаанд. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқи мустақими унвончӯй ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ

мустақилона баён ва иҷро шудааст, ки дар он асос ва натиҷаҳои таҳқиқ инъикос ёфтаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои онҳо ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Дар кори диссертатсионӣ бори нахуст масъалаи тайёр намудан ва таъмин намудани муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон бо кадрҳои омӯзгорӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ ба таври маҷмӯӣ таҳқиқ гардида, даврабандии илмии он муайян, маводҳои нави бойгонӣ ба гардиши илмӣ ворид ва саҳми муассисаҳои таҳсилоти олии вилоят дар ҳалли масъалаи норасоии кадрҳо аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи муқаррароти "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" ҷавобгӯй мебошад. Ҳамин тавр, сохтор ва мазмуни асосии диссертатсия мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи ихтисосҳои соҳаи илмҳои таърих ҷамъбаст гардида, тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ пурра мутобиқат менамояд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 14 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

**Якум,** дар бахши дараҷаи таҳқиқ баъзе адабиёте дарҷ шудаанд, ки ба давраи таҳқиқ рабте надоранд, баробари ин дар номгӯи адабиёт баъзе аз асарҳо нишон дода шудаанд, ки ба кор рабте надоранд. Масалан, асарҳои академик Мулло Эркаев, ки ба давраи мазкур тааллуқ надошта, дар матни диссертатсия низ аз онҳо иқтибос оварда нашудааст.

**Дуюм**, дар баъзе қисматҳо маводи оморӣ бештар хусусияти тавсифӣ дошта, таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳо ба таври пурра анҷом дода нашудааст. Ба назари мо, истифодаи бештари ҷадвалҳо ва муқоисаи нишондиҳандаҳои солҳои гуногун метавонист арзиши таҳлилии корро баланд бардорад.

**Сеюм**, масъалаи фарқияти эҳтиёҷ ба омӯзгорон дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни вилояти Хатлонро метавон муфассалтар таҳлил мекард. Инчунин дар зербоби 2.3. *"Мавқеи Донишгоҳи давлатии Данғара дар омода намудани кадрҳои педагогӣ дар вилояти Хатлон"* таҳлили мавод гузаронда нашуда, муаллиф масъаларо ба таври умумӣ зикр намудааст.

**Чорум**, тавсияҳои амалиро муаллиф метавонист бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоию демографии вилояти Хатлон мушаххастар баён мекард.

**Панҷум**, дар матни диссертатсия камбудиҳои техникию имлоӣ ба назар мерасанд.

Аммо эродҳои овардашуда қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, онҳо хусусияти тавсиявӣ ва ислоҳшаванда дошта, муаллиф метавонад ҳангоми ба нашр пешниҳод намудани монография, онҳоро бартараф намояд.

Хулоса, диссертатсия дар мавзуи **«Тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон (солҳои 1991-2021)»** ба талаботи бандҳои 31 - 35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ гардидааст, мутобиқ буда, муаллифи он - Иброҳимзода Зафар Иброҳим - сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих

аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ 6.1.1. - Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар аз тарафи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси таърихи ватанӣ, и.в. дотсент Давлатшоев Раҳматшоҳ омода гардида, дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ баррасӣ ва дар маҷлиси ҳамин кафедра ҷонибдорӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Дар натиҷаи овоздиҳӣ аз - 20 нафар иштирокчиён: тарафдор – 20 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

(Суратмаҷлиси кафедра таҳти № 3, аз 14 ноябри соли 2026).

Раиси ҷаласа, мудири
кафедраи таърихи халқи тоҷики
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои таърих, дотсент Сайнаков
Сайнак Парпишоевич

Эксперт,
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи
ихтисоси таърихи ватанӣ, и.в. дотсенти
кафедраи таърихи халқи тоҷики
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Далатшоев Раҳматшоҳ

Котиби ҷаласа Ёров Муҳаммадҷон

*Имзоҳои Сайнаков С.П., Давлатшоев Р., Ёров М.-ро тасдиқ менамоям:*

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.

"20" ноябри 2026

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Телефон: (+992) 2241383
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj